

# Муҳити соҳибкорӣ дар Тоҷикистон аз нигоҳи соҳибкории хурд ва миёна

Декабр 2009

Investment Climate Advisory Services I World Bank Group

IFC International Finance Corporation World Bank Group

MIGA World Bank Group Multilateral Investment Guarantee Agency

THE WORLD BANK

In partnership with:

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation

Federal Department of Economic Affairs FDEA
State Secretariat for Economic Affairs SECO

DFID Department for International Development

Мазмуни ин гузориш бо ҳаққи таълиф ҳимоя карда шудааст.

На ин гузориш ва на қисмҳои он дар ҳар шакле бидуни истинод ба Гузориши IFC Муҳити бизнес дар Тоҷикистон аз нигоҳи соҳибкории хурд ва миёна набояд мавриди тавлид, нусхабардорӣ ва тақсим ба дигарон қарор бигирад.

IFC паҳн кардани ин нашрияро ташвиқ мекунад ва ба ин васила ба истифодабарандагони ин гузориш ҷиҳати нусхабардорӣ кардани қисме аз он барои истифодаи шахсӣ, ғайритиҷоратӣ, бидуни ҳар гуна ҳуқуқ барои фурӯши дубора, аз нав тақсим кардан ё таҳияи маводи дигари марбут ба мазмун ё маълумоти он иҷозат медиҳад. Ҳар гуна нусхабардории дигар ё истифодаи ин гузориш иҷозати хаттиро аз IFC талаб мекунад.

Маводи ин гузориш хамчун тавсифи натиҷаҳо аз таҳқиқе аст, ки моҳҳои июл-октябри соли 2008 дар миёни менеҷерони корхонаҳои хурду миёнаи Тоҷикистон, соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ гузаронида шуда буд. Иттилооти ин гузориш ба нияти нек барои мақсадҳои умумии иттилоотӣ гузошта шудааст ва IFC, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, Котиботи давлатии Шветсария барои корҳои иқтисодӣ (SECO) ё Шӯъбаи Рушди байналмилалии Подшоҳии муттаҳида (DFID) масъули иттилооти он нестанд.

Гузориши мазкур як муаррифии ҳамаҷониба оид ба масъалаҳои дар он баррасишуда нест ва набояд ҳангоми қарорҳои тиҷоратӣ ҳамчун асос истифода бурда шавад. Лутфан барои машварати коршиносона дар бораи ҳамаи масъалаҳои ҳуқуқӣ аз машварати мустақили ҳуқуқӣ истифода баред.

Ҳамаи иттилоот ва маводи дар ин гузориш истифодашуда моликияти IFC буда, аз тарафи худи он ба даст оварда шудааст.

© 2009 International Finance Corporation (Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ)

Ин гузориш ҳам дар шакли чопӣ ва ҳам дар шакли электронӣ дар нишонии зерин қобили дастрас аст:

Лоиҳаи рушди соҳибкории хурду миёна дар Тоҷикистон
734001, Тоҷикистон
Душанбе
Кӯчаи Абдулло Командир 7.
www.ifc.org/tajikistan/sme

# Муҳити соҳибкорӣ дар Тоҷикистон аз нигоҳи соҳибкории хурд ва миёна

Декабр 2009

Investment Climate Advisory Services I World Bank Group

IFC International Finance Corporation World Bank Group

MIGA World Bank Group Multilateral Investment Guarantee Agency

THE WORLD BANK

In partnership with:

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation

Federal Department of Economic Affairs FDEA
State Secretariat for Economic Affairs SECO

DFID Department for International Development

# ПЕШГУФТОР ВА ИЗҲОРИ СИПОС

IFC бо дастгирии Котиботи давлатии Швейтсария барои корҳои иқтисодӣ (SECO) ва Шӯъбаи Рушди байналмилалии Подшоҳии муттаҳида (DFID) натиҷаҳои таҳқиқи севумро дар бораи муҳити соҳибкорӣ дар Тоҷикистон муаррифӣ мекунад. Ин таҳқиқ аз тарафи Лоиҳаи рушди сохибкории хурду миёнаи IFC анҷом шуд. Вазифаи ин таҳқиқ арзёбӣ кардани шароити мавҷуд барои анҷом додани бизнес дар Тоҷикистон дар соли 2007 ва тараққӣ додани тавсияҳо барои беҳсозии онҳо мебошад.

Ин гузориш ба натоиҷи таҳқиқ дар байни мудирони 1500 соҳибкории хурду миёна асос ёфтааст, ки июл-октябри соли 2008 бо фарогирии ҳамаи минтақаҳо ва чор бахши калидии иқтисод баргузор шуда буд. Ба ғайр аз корхонаҳои хурд ва миёна таҳқиқ ҳамчунин соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқониро дар Тоҷикистон фаро мегирад. Иттилооти муфассал оид ба воқеиятҳои муҳити қодирсозии бизнес, ки бо ин се категорияи соҳибкорӣ рӯбарӯ ҳастанд, дар ин ҷо оварда шудааст; умед меравад, ки иттилооти таҷрубӣ аз ин таҳқиқ мумкин аз тарафи тарафҳои манфиатдор барои барангехтани муҳити бизнес ва таъсирбахштар ва шаффофтар сохтани тартиботи маъмурӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Дар давоми шаш сол аз саршавӣ Лоиҳаи рушди сохибкории хурду миёнаи IFC аз муомилаи наздик бо бисёре аз муассисаҳои ҷамъиятӣ ва хусусии фаъол дар Тоҷикистон ва низ як қатор созмонҳои байналмилалӣ баҳра бардошт. Гурӯҳи кории лоиҳа миннатдории худро ба Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон баён мекунад, ки аз моҳи ноябри соли 2006 бо он Тафоҳумнома имзо кардааст. Лоиҳа ҳамчунин мехоҳад ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ барои муносибатҳои тӯлонӣ ва Кумитаи андоз, ки шарики ҳаётӣ дар марҳилаҳои асосии лоиҳа буд, изҳори сипос намояд.

Афроди пуршумор ва созмонҳое монанди Бонки ҷаҳонӣ (Андреа Дал-Олио, Брет Колеман, Сулаймона Колибали, Симоне Гигер, Давронҷон Охунҷонов, Мунаввар Хоҷа), IFC (Ларс Грава, Ҷан Лоприк, Санҷукта Мухиреҷӣ, Флорентин Бланк, Кристофер Миллер, Ана Марина, Зарина Одинаева, Крейг Бэл ва дастаи Лоиҳаи қодирсозии муҳити бизнеси IFC дар Беларус, Санджар Иброҳимов ва дастаи Лоиҳаи қодирсозии муҳити бизнеси IFC дар Украина, Хазинаи байналмилалии пул (Лак Моерс), Bearing Point (Рап Хадка), Прагма (Нуралӣ Шукуров), WYG International (Артур Лук), Финка (Паул Ҳамлин), Ассосиатсияи созмонҳои микрофинансии Тоҷикистон (Эрика Биеркле), Ideas (Маттиас Мейер), GTZ (Хушнудҷон Расулов), ва TSG (Ҷован Чекич) саховатмандона дар бознигарии муқаддамотии гузориш саҳм гирифтанд.

Душанбе, 2009

# ТАДҚИҚОТИ МУҲИТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ВА МИЁНА

## Тафсири мухтасар

Тадқиқоти соҳибкории хурду миёнаи IFC кӯшиш менамояд дақиқ муайян кунад, ки соҳибкории хурд ва миёна (СХМ) дар Тоҷикистон бо кадом монеаҳо рӯ ба рӯ мегардад, то ки ислоҳоти таъхирнопазир (фаврӣ) муайян карда шаванд. Дар ин тадқиқот IFC нуқтаи назари 1500 соҳибкорони хурду минаи Тоҷикистонро оид ба миқдори расмиёти маъмурие, ки соҳибкорон ҳангоми таъсис ё пешбурди фаъолияти худ дар соли 2007.[1] бо онҳо рӯ ба рӯ гардидидаанд, ҷамъоварӣ ва таҳлил намудааст. Ин ҳисобот ба тадқиқоти якум ва дуюми муҳити соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, ки дар солҳои 2003 ва 2006 аз ҷониби IFC гузаронида шуда буданд, илова мебошад.

Дар ин тадқиқот маълумотҳо оид ба муҳити соҳибкорӣ аз нигоҳи пурсишшудагоне ҷамъоварӣ шудаанд, ки намояндагони субъектҳои СХМ кишвар мебошанд. Дар ин ҳисобот хулосаҳои асосии тадқиқот пешниҳод гардида, иттилооти умумӣ оид ба тадбирҳои амалии сиёсӣ, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ оварда шудаанд. Дар ҳисобот тавсияҳо ба шахсони масъули таҳияи сиёсат пешниҳод шудаанд, ки онҳо ҳам ба таҳлили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам ба натиҷаҳои тадқиқот асос ёфтаанд.

Натиҷаҳои тадқиқоти муҳити СХМ IFC, ки дар ин ҷо пешниҳод шудаанд, як қатор беҳбудиҳоро дар муҳити СХМ дар Тоҷикистон аз соли 2002 нишон медиҳанд, аз ҷумла дар мавриди зудии санҷишҳо, вақт барои бақайдгирии корхона, инчунин мӯҳлати миёнаи амали иҷозатнома (литсензия).[2] Татбиқи Қонун «Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки соли 2006 қабул гардид, ба бахши СХМ дар Тоҷикистон имкон дод, ки дар маҷмӯъ дар тӯли як сол 9,3 миллион доллари ШМА-ро сарфа намояд.[3] Ин гувоҳи натиҷаи назарраси мусбие мебошад, ки аз ислоҳоти ҳуқуқии гузаронидашуда ва саъю кӯшишҳои анҷомдодаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи ислоҳоти системаи санҷишҳо ба даст омадааст.

Расмиёти дигари маъмурӣ низ барои амалӣ намудани ислоҳот такмил шудаанд ва метавонанд дар шакли ихтисори хароҷоти маъмурии соҳибкорон фоидаҳои иқтисодӣ оранд. СХМ дар Тоҷикистон 26,7 фоизи фоидаи худро ба чор расмиёти маъмурии нисбатан бештар рӯ ба рӯ шаванда сарф менамояд, бо назардошти танҳо хароҷоти бевосита (нигаред ба ҷадвали 1). Ин ба 18,2 миллион доллари ШМА хароҷоти бевоситаи корхонаҳои хурду миёна ва соҳибкорони инфиродӣ (алоҳида) барои литсензияҳо, иҷозатномаҳо, шаҳодатномаҳо ва санҷишҳо баробар аст. Рақами мазкур бояд танҳо ҳамчун қисми арзиши зарурӣ барои риояи меъёр ва қоидаҳои дар Тоҷикистон барои соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳои хурду миёна муқарраргардида баррасӣ гардад. Ин, масалан, тайёр ва пур кардани эъломияҳои (декларатсияҳои) андозро истисно менамояд. Ҳамчунин, таҳлили дар боло овардашуда, миқдори вақти сарфнамудаи кормандро барои ҳар як расмиёт, ё ҳаҷми фоидаи дар ин вақт аздастдода, ҳангоме ки соҳибкор дар вақти гузаштани расмиёт аз фаъолияти бозмемонад, ба инобат намегирад. Ихтисори вақт ва хароҷот барои расмиёти маъмурӣ метавонад боиси фоидаи бевоситаи пулӣ барои соҳибкорон гардад.

---

[1] Бинобар он, ки соли 2007 барои ин тадқиқот давраи заминавӣ мебошад, ҳама ҳисобҳои натиҷаҳои тадқиқот, ки ба ҳисоби доллар пешниҳод гардидаанд, дар ин ҳисобот бо қурби мубодила дар 1 январи соли 2008, ки 1 доллари ШМА ба 3,465 сомонӣ баробар буд, анҷом дода шудаанд.

[2] Таъсири мутаносиби хароҷот ба иҷрои расмиёти маъмурӣ барои СХМ чандин маротиба зикр шудааст. Масалан, нигаред ба "Policy Framework Paper on Business Licensing Reform and Simplification." The World Bank Group's Investment Climate Advisory Service. 2009.

[3] Таҳлили маълумотҳои тадқиқот ва маълумотҳои омори расмӣ оид ба хароҷоти бевосита барои санҷиш (пардохтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ), инчунин хароҷоти бавосита (хароҷоти меҳнатӣ ва талафоти фоида). Ҷузъиётро нигаред дар боби 6.

Ҷадвали 1 - Хароҷоти бевосита барои чор расмиёти бештар паҳнгардидаи маъмурӣ боиси хароҷоти иловагӣ мегарданд, ки ба ҳисоби миёна ба 27 фоизи фоидаи корхонаи хурд ва миёна баробар мебошанд.

| | Литсензиякунонӣ | Иҷозатномаҳо | Санҷишҳо | Сертификатсия | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Соҳибкории инфиродӣ | 1.3% | 0.8% | 1.2% | 0.8% | 4.2% |
| Корхонаи хурд ва миёна | 4.0% | 6.2% | 10.5% | 6.1% | 26.7% |

Дар Замимаи 1 тафсири хулосаҳои асосии тадқиқот оварда шудааст. Дар аксари ҳолатҳо муҳити соҳибкорӣ (бизнес) барои корхонаҳои хурд ва миёна, ки саҳми онҳо дар маҷмӯи маҳсулоти бахши СХМ қисми зиёдро ташкил медиҳадб мураккаб боқӣ мемонад. Маълумотҳои аз Кумитаи давлатии омор гирифташуда рушди маҳдуди миқдори корхонаҳои хурд ва миёнаро дар муқоиса бо сатҳи баланди рушди намояндагони боқимондаи бахши СХМ (соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ)-ро нишон медиҳанд.

Афзоиши миқдори корхонаҳо дар бахши СХМ аз ҳисоби афзоиши шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ ба вуҷуд омадааст. Аз соли 2002 то соли 2007 миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) қариб 16% дар як сол, шумораи соҳибкорони инфиродӣ бошад 10% дар як сол афзудааст.

Шумораи корхонаҳои хурд ва миёна, дар муқоиса бо намояндагони дар боло зикргардида, дар ҳамин давра танҳо соле 5% афзудааст, дар соли 2007 бошад онҳо ҳамагӣ 5 фоизи СХМ ташкил доданд. Тибқи маълумотҳои Кумитаи давлатии омор, дар оғози соли 2008 нисбат ба оғози соли 2006 дар Тоҷикистон ҳамагӣ танҳо 334 корхонаи хурд ва миёна зиёдтар ба қайд гирифта шудааст.

Рушди бемайлон дар байни соҳибкорони инфиродӣ, чи аз ҷиҳати миқдори соҳибкорон ва чи аз ҷиҳати даромади миёнаи онҳо, дар якҷоягӣ бо суръати пасти афзоиши корхонаҳои хурд ва миёна, гувоҳи он мебошад, ки системаи андоз ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкундаи фаъолияти соҳибкорӣ «гузариш» аз мақоми соҳибкории инфиродӣ ба шахси ҳуқуқӣ ҳавасманд намекунанд.

Басо муҳим аст, ки шахсони барои таҳияи сиёсат дар соҳаи соҳибкорӣ ҷиҳати беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна, ки бояд сутунмӯҳраи иқтисод бошад, тадбирҳо андешанд. Зиёда аз ин, азбаски эҳтимоли бештар вуҷуд дорад, ки корхонаҳои хурд ва миёна нисбат ба соҳибкори инфиродии миёна ба воситаҳои асосӣ ду баробар зиёдтар маблағгузорӣ менамояд, ҳафт маротиби бештар коргаронро ба кор ҷалб мекунад ва воридоти андозро хеле зиёдтар таъмин менамояд, муҳити соҳибкорӣ бояд ба рушди онҳо мусоидат намояд.

## Аксари расмиёти маъмурӣ дар соли 2007 нисбат ба соли 2005 камтар паҳн гардиданд

Дар системаи танзимкунандаи хуб фаъолияткунанда шахсиятҳои, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи фаъолияти соҳибкориро муайян месозанд, фишангҳои танзим захираҳои давлатиро ба дараҷаи ҳадди аксар истифода мекунанд ва самаранокиро бо роҳи равона намудани саъю кӯшишҳои худ ба корхонаҳои дорои «сатҳи баланди риск», на тавассути талаботи он, ки ҳамаи соҳибкорон ҳар сол аз ҳар як расмиёт гузаранд, баланд мебардоранд.

Масалан, мақомоти санҷиш набояд ҳар сол ҳар як соҳибкорро санҷиш намоянд. Онҳо бояд таваҷҷӯҳи худро ба корхонаҳои дорои хавфи вайронкунии шароити таъмини саломатӣ ва бехатарӣ, инчунин ба онҳое, ки эҳтимол амалҳояшон ба талаботи таъмини саломатӣ ва бехатарӣ мутобиқат намекунанд, мумкин аст ба саломатӣ ва некӯаҳволии ҷомеа зиёни ҷиддӣ расонанд, равона кунанд. Иҷозатҳо ва

### Замимаи 1 - Хулосаҳои асосии тадқиқоти IFC дар бораи хурду миёна

- Соҳибкории инфиродӣ шакли бештар маъмули соҳибкории хурду миёна мебошад ва нисбатан шумораи ками онҳо ба шахси ҳуқуқӣ (корхонаҳои хурду миёна) табдил меёбанд. Корхонаҳои хурду миёна ба муҳити душвори танзимӣ ба таври назаррас рӯбарӯ мешаванд.
- Занон 36%-и соҳибкорони инфиродиро ташкил медиҳанд ва 16%-и корхонаҳои хурду миёнаро идора мекунанд. Занон бештар аз нисфи ин корхонаҳо соҳибӣ менамоянд. Танҳо 9%-и хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз тарафи занон идора мешаванд, ҳарчанд нисфи кормандони хоҷагиҳо деҳқонӣ занон мебошанд.
- Маблағгузориҳо ба воситаҳои асосӣ аз соли 2002 дар байни ҳамаи категорияҳои СХМ поён рафтааст.
- Дар соли 2007 нисбат ба соли 2005, ҳарчанд тағйироти ҳуқуқӣ ё танзимӣ барои шарҳ додани чунин афзоиш мавҷуд нест, СХМ барои бақайдгирӣ пули бештар сарф кардаанд. Хароҷоти бақайдгирӣ тағйироти васеъро дар байни ноҳияҳои Тоҷикистон нишон медиҳад, ки боз ягон асоси ҳуқуқӣ надорад.
- Амалӣ кардани Қонун дар бораи иҷозатномадиҳи (2004) ба баъзе пешрафтҳо оварда расонид, ки такомули бештар назарраси он эътибори миёнаи қонунии иҷозатномаи додашуда мебошад. Вале додани иҷозатнома ҳанӯз барои корхонаҳои хурду миёнае, ки бояд иҷозатнома ба даст оранд, раванди тӯлонӣ ва гаронбаҳост.
- Иҷозатномаҳо бештар равандҳои ҳамонанди иҷозатномаҳоро аз соли 2005 марбут ба хароҷоти бевосита ва бавосита нишон медиҳанд, ки эҳтимолан ба таъсироти ҳамроҳ бо ислоҳоти додани иҷозатнома марбут аст.
- Мутаносибан шумораи ками СХМ суратҳисоби бонкӣ ё қарзӣ доранд. СХМ бештар нархи номусоиди баҳраи қарзро ҳамчун сабаб барои муроҷиат накардан ба маблағгузории худ медонанд.
- Қонуни соли 2006 дар бораи санҷишҳо хурду миёнаи Тоҷикистон ба маблағи $9.3 миллион оварда расонид, ки ҷуброни амонатҳои соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқониро (фермерӣ)-ро бо афзудани корхонаҳои хурду миёна инъикос менамояд.
- Реҷаи андоз барои корхонаҳои хурду миёна печида аст, ки соҳибкоронро водор месозад, то панӣ то даҳ маротиба дар як сол мақомоти андозро боздид кунанд. Ба ҳисоби миёна, корхонаи хурду миёна барои раванди ҳуҷҷатгузорӣ ва пардохтани андозҳо дар соли 2007 бештар аз се ҳафта вақт сарф мекунанд.
- Тартиботи воридот ва содирот низ барои бештари СХМ мураккаб аст. Танҳо 24%-и корхонаҳои хурду миёна мол ворид менамоянд ва камтар аз 3% содир мекунанд. Нишондодҳо барои соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) хеле камтар аст.
- Дар соли 2007 нисбат ба соли 2005, бештари корхонаҳои хурду миёнаро лозим омад, то сертификатҳои ҳатмӣ ба даст оранд, ҳарчанд раванди он вақти камтарро талаб мекард.
- Амалан барои ҳамаи амалиёт, СХМ гузориш доданд, ки дар муқоиса бо соли 2005 ё 2002 пардохтҳои ғайрирасмиро камтар кардаанд. Вале дар тамоми ҳудуди Аврупои Шарқӣ ва минтақаи Осиёи Марказӣ Тоҷикистон ҳанӯз дорои басомади баланди тӯҳфаҳои ғайрирасмист, ки аз ҷониби мансабдорони давлатӣ аз ширкатҳо талаб карда мешаванд.

литсензияҳо, ду шакли иловагии назорати давлатӣ ба фаъолияти иқтисодӣ, метавонанд барои якчанд сол дода шаванд, зарур нест аз корхонаҳо талаб карда шавад, ки онҳо иҷозатҳо ва литсензияҳои худро ҳар сол нав кунанд.

Натиҷаҳои тадқиқоти СХМ IFC хеле беҳтар гардидани паҳншавии баъзе расмиёти маъмуриро дар давраи аз соли 2005 то соли соли 2007 муайян намуданд (нигаред ба диаграммаи 1). Дар соли 2007 нисбат ба соли 2005 шумораи хеле камтари СХМ таҳти санҷиш қарор дода шуданд, ки татбиқи бештари Қонун «Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки соли 2006 қабул гардидааст, нишон медиҳад. Ҳиссаи СХМ, ки дар бораи гирифтани иҷозат гузориш додаанд, хеле камтар шуд, хусусан дар байни хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ).

Ҳукумати Тоҷикистон бо қабули Қонун «Дар бораи литсензиякунонӣ (иҷозатномадиҳӣ)» ислоҳоти фарогири низоми литсензиякунониро анҷом дод, ва акнун дар соли 2007 нисбат ба соли 2005 миқдори камтари корхонаҳои хурд ва миёна, инчунин хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар бораи гирифтани литсензия гузориш медиҳанд. Бо вуҷуди ин, пешрафт яксон нест, зеро аз соҳибкорони инфиродӣ дар ҳоли ҳозир гирифтани литсензия қариб ду маротиба бештар талаб карда мешавад.

Мутаассифона, дар тамоми бахши СХМ, дар соли 2007 эҳтимолияти гирифтани сертификатсияи ҳатмӣ аз ҷониби соҳибкорҳо дар муқоиса бо соли 2005 афзудааст. Сертификат ҳатмӣ вобаста ба фаъолияти иқтисодӣ фарқ мекунанд, масалан, шаҳодатномаҳои байторӣ (ветеринарӣ) ё карантинӣ аз Хадамоти санитарию эпидемиологӣ барои соҳибони чорвои хонагӣ, шаҳодатномаҳои кишвари баромади мол аз Палатаи савдою саноат барои содиркунандагон, ё ки шаҳодатномаҳо барои пахта аз Тоҷикстандарт барои содиркунандагони пахта. Раванди сертификатсия аслан ба дӯши СХМ бори гарон буда, фоидаи назаррас намеорад.

Диаграммаи 1 - Дар муқоиса бо соли 2005 дар соли 2007 миқдори камтари СХМ аз санҷишҳо ва иҷозатҳо зиён диданд, сертификатсияи ҳатмӣ бошад нисбатан бештар паҳн гардид.

*Фоизи фирмаҳое, ки дар соли 2007 нисбат ба соли 2005 аз расмиёти интихобгардида гузаштанд*




## СХМ мушкилоти аз ҳама бештарро ҳангоми пешбурди фаъолияти соҳибкории худ муайян менамоянд.

Барои он, ки ҷанбаҳои гуногуни муҳити соҳибкорӣ (бизнес) муттаҳид карда шаванд, ҳангоми тадқиқот аз пурсишшавандагон хоҳиш карда шуд, ки як чиз, монеаи аз ҳама бузургеро, ки садди роҳи фаъолияти онҳо мебошад, муайян намоянд. Тавре дар ҷадвали дар поён овардашуда нишон дода шудааст: дастрасӣ ба маблағҳо, меъёрҳои андозҳо, инчунин дастрасӣ ба таъмини қувваи барқ монеаҳои аз ҳама асоситарине мебошанд, ки аз ҷониби СХМ таъкид шуданд.

**Диаграммаи 2 - СХМ дастрасӣ ба қувваи барқ, меъёрҳои андозҳо, инчунин дастрасӣ ба маблағҳоро ҳамчун монеаҳои асосӣ барои муҳити соҳибкорӣ дар Тоҷикистон муайян мекунад.**

*Фоизи пурсишшудагоне, ки ҳар яке аз ҷанбаҳои зеринро ҳамчун яке аз монеаҳои бузурге муайян кардаанд, ки бо онҳо рӯ ба рӯ мегарданд.*




Намояндагони гуногуни бахши соҳибкории хурд ва миёна проблемаҳои мухталифро барои худ нисбатан душвортарин меҳисобанд. Дастрасӣ ба маблағҳо, бешубҳа, барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) монеаи аз ҳама муҳимтарин мебошад. Дастрасӣ ба қувваи барқ барои ҳар чорумин корхонаи хурд ва миёна монеаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Меъёрҳои баланди андозҳо барои соҳибкорони инфиродӣ монеаи "рақами як" мебошанд.

## Тавсияҳои асосӣ

Яке аз таъиноти тадқиқоти муҳити соҳибкории IFC иборат аз муайян намудани он аст, ки маҳз кадом самтҳоро бояд ислоҳот намуд, то ки бори гарони танзим сабук карда шавад ва ба шахсони барои таҳияи сиёсат дар Тоҷикистон масъулбуда кӯмак расонида шавад, ки афзалиятҳоро барои ҳавасмандгардонии соҳибкорон дар таъсиси шахсони ҳуқуқии нав ва вусъатбахшии бизнеси мавҷуда муайян намоянд. Рушди шахсони ҳуқуқии нав ва вусъатбахшии соҳибкории мавҷуда ба таъсис додани ҷойҳои корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд. Маълумотҳои тадқиқот барои муайян намудани ислоҳоте, ки метавонанд ба арзиши расмиёти маъмурӣ барои бизнес (соҳибкорӣ) таъсир расонанд, асос шуда метавонанд. Ин ҳисобот чунин ислоҳотро вобаста ба вазъи дар Тоҷикистон мавҷудбуда, аз ҷумла ислоҳоти алакай амалишавада ё тавсияшавандаро пешниҳод менамояд.

Ҳукумат ба ислоҳоти маҷмӯии пештара дар соҳаи литсензиякунонӣ ва санҷишҳо такя намуда, барномаи ислоҳоти худро дар соли 2009 вусъат мебахшад, то ки масъалаҳои вобаста ба бақайдгирии соҳибкорҳо, ислоҳоти хадамоти гумрук ва ислоҳоти системаи иҷозатдиҳиро ҳал намояд. Дигар ислоҳоти муҳиме, ки берун аз доираи ин ҳисобот оид ба тадқиқот қарор доранд, алакай дар чунин соҳаҳои муҳим, ба монанди сиёсати кишоварзӣ, ислоҳоти замин ва идоракунии корпоративӣ анҷом дода шудаанд ё дар ҳоли ҳозир ҷараён доранд.

Дар ҷадвали дар поён овардашуда тавсияҳои асосӣ оид ба масъалаҳое, ки тадқиқоти муҳити соҳибкории IFC фаро гирифтааст, пешниҳод карда шудаанд. Дар ҳар як банд тавсияҳо муфассал дода шудаанд.

### Ҷадвали 2 - Тавсияҳои асосии IFC шаффофияти минбаъда дар равандҳо, соддагардонии расмиёт ва татбиқи пурраи қонунҳои дахлдорро фаро мегиранд

| | |
|---|---|
| | **Бақайдгирӣ** |
| 1. | Ҷорӣ намудани системаи «равзанаи ягона» бо назардошти ислоҳоти иловагии берун аз доираи соддагардонии ибтидоӣ. |
| 2. | Дароз кардани мӯҳлати азнавбақайдгирии шахсони ҳуқуқи амалкунанда, ё ки беҳтараш, умуман бекор кардани чунин талабот. |
| 3. | Бекор кардани зинаҳои зиёдатӣ дар раванди бақайдгирӣ, ки барои соҳибкорон бори гарони иловагӣ ба вуҷуд меоранд ва бо ягон фоидаи иқтисодӣ асоснок карда нашудаанд. |
| | **Лицензиякунонӣ** |
| 1. | Баррасӣ кардани имкониятҳо барои ихтисори минбаъдаи миқдори намудҳои фаъолияте, ки бояд литсензия карда шаванд бо роҳи хориҷ кардани намудҳои фаъолияте, ки барои тандурустӣ ва бехатарии ҷомеа чандон хавфе надоранд, ба монанди туризм (сайёҳӣ), нархгузории амволи ғайриманқул, интиқоли бор ва фаъолияти адвокатӣ оид ба корҳои патентӣ. |
| 2. | Баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва содда гардонидани расмиёти додани литсензияҳо бо роҳи: (а) нашр намудани талаботи литсензиякунонӣ ва ҳисоби андозаи пардохти литсензияҳо, (б) ҷорӣ намудани принсипҳои «сукут аломати ризост» ва «худбаҳодиҳӣ» ба воситаи ворид намудани тасҳеҳоти ҳуқуқӣ, ва (в) ворид намудани тасҳеҳот ба Қонун «Дар бораи литсензиякунонӣ (иҷозатномадиҳӣ)» аз соли 2004, то ки сабабҳои мушаххасе, ки бинобар онҳо аризаҳо барои гирифтани литсензияҳо метавонанд рад ё бекор карда шаванд, номбар карда шаванд. |
| 3. | Зиёд намудани мӯҳлати амали литсензияҳо барои давраи номаҳдуд, ба истиснои зарурати гузаронидани таҷдиди назари мунтазами мутобиқати тахассусии литсензиат (дорандаи литсензия). |
| | **Иҷозатҳо** |
| 1. | Таҳия намудани феҳристи пурраи тамоми иҷозатҳое, ки дар ҳоли ҳозир дода мешаванд, то ки саъю кӯшишҳо оид ба ислоҳот дастгирӣ карда шаванд. Кор кардан бо бахши хусусӣ барои муайян намудани он, ки маҳз гирифтани кадом иҷозатҳо бештар мушкил мебошад. |
| 2. | Бо ёрии “гильотина”, яъне бо раванди зуди таҷдиди назар намудан бекор кардани иҷозатҳои такроршаванда ва нолозим. |
| 3. | Қабул кардани Қонун «Дар бораи иҷозатҳо» барои аниқ намудан ва суръат бахшидани расмиёти пешниҳод намудани дархостҳо ва додани иҷозатҳои нав. |
| | **Дастрасӣ ба маблағҳо** |
| 1. | Иҷро кардани тавсияҳои Барномаи баҳодиҳии бахши молиявӣ. |
| 2. | Ташвиқ намудани сармоягузорони хусусӣ ба таъсис додани бюрои кредитии хусусӣ. |
| 3. | Ба ҳуқуқшиносон ва судяҳо омӯзонидани мӯҳтавои талабот нисбати замонат ва нақши онҳо дар иҷрои созишномаҳои кредитӣ (қарзӣ) ва лизингӣ. Басо муҳим аст, ки кредиторон (қарздиҳандагон) ба имкониятҳои системаи ҳуқуқӣ дар иҷрои шартномаҳои кредитӣ ва лизингӣ боварӣ дошта бошад, дар акси ҳол муваффақиятҳо дар регистрҳои замонатӣ метавонанд ба рушди қарздиҳӣ мусоидат накунанд. |
| 4. | Беҳтар намудани заминаи ҳуқуқии танзимкунандаи замонати сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, то ки имкон дода шавад онҳо ба сифати замонат беҳтар истифода гарданд. Нашр намудани феҳристи амволи ба гарав мондашударо дар Вазорати адлия барои қарздиҳандагон (кредиторон) ва қарзгирандагони эҳтимолӣ. |
| | **Санҷишҳо** |
| 1. | Мақомоти санҷиш бояд дар мутобиқати пурра бо талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо роҳи истифодаи варақаҳои санҷиш, фиристодани огоҳиномаҳо ба соҳибкорон, таҳияи категорияҳои риск ва раванди санҷишҳо дар асоси риск; инчунин ташаккули функсияҳои қобили қабули пешбурди баҳисобгирӣ ва пайгирӣ намудани санҷишҳои гузаронидашуда ва натиҷаҳои онҳо. |

| | |
|---|---|
| 2. | Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки ба соҳибкорон дар иҷрои ӯҳдадориҳояшон дар чаҳорчӯбаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мусоидат намояд; ба мақомоти санҷиш дар иҷрои ӯҳдадориҳояшон дар чаҳорчӯбаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кӯмак расонад; риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъмин намояд. |
| **Андозбандӣ** | |
| 1. | Баррасӣ намудани имконияти бекор кардани андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, ки моҳиятан регрессивӣ буда, ба корхонаҳои дорои ҳаҷми хурди фоида гаронии номутаносиб бор мекунад. |
| 2. | Ба таври муфассал таҳия ва интишор намудани қоидаҳои дақиқ оид ба ҳисоби андози даромади шахсӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ). |
| 3. | Баррасӣ намудани имконияти паст кардани меъёри андози иҷтимоӣ бидуни ба хатар гузоштани даромадҳои давлатӣ. Меъёри хеле баланди андози иҷтимоӣ боиси канорагирӣ аз андозҳо мегардад ва метавонад ба таъсиси ҷойҳои корӣ дар бахши расмии иқтисод монеъ шавад. |
| 4. | Гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии Кодекси андоз барои ихтисор намудани фаслҳои духӯра ва маҳдуд кардани имконият барои тафсири барғалат. Маҳдуд намудани воридкунии тағйирот ба қонунгузории андоз то соле як маротиба бо мақсади ба корхонаҳо додани фосилаи замонии дарозмуддат ҳангоми банақшагирӣ. |
| 5. | Кӯмак расонидан ба андозсупорандагон дар риояи талаботи қонунгузорӣ бо роҳи кам кардани миқдори ҳарсолаи эъломияҳои андоз аз рӯи намудҳои андоз ва бо роҳи содда кардани варақаҳое, ки барои пур кардани эъломияи андоз истифода карда мешаванд. Дар беҳтарин ҳолат, эъломияҳои андоз бояд танҳо соле як маротиба ё ҳар семоҳа, тавре дар ҳолати ААИ ҷой дорад, пешниҳод карда шаванд. Мувофиқи мақсад мебуд, агар иҷозат дода шавад, ки пардохтҳо қисм-қисм пардохта шаванд, то ки ба корхонаҳо имкон дода шавад, ки онҳо захираҳои худро самаранoктар идора кунанд. |
| 6. | Баррасӣ намудани низомҳои соддагардидаи гуногун бо мақсади соддагардонии минбаъдаи сохтори мавҷуда ва беҳтар баробар кардани низомҳои соддакардашуда бо низоми умумии андоз. Мақсад бояд сабукгардонии «дараҷабандии» корхонаҳо аз соҳибкории инфиродӣ то статуси шахси ҳуқуқӣ бошад. |
| **Савдои хориҷӣ ва танзими техникӣ** | |
| 1. | Содда гардонидани расмиёти содиротию воридотӣ бо роҳи ҷорӣ намудани Ҳуҷҷати ягонаи маъмурӣ ва Равзанаи ягона барои расмиёти гумрукӣ. |
| 2. | Таъсис додани «равзанаи ягона» барои расмиёти гумрукӣ дар асоси ҳуҷҷати консептуалии таҳиянамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 3. | Ҷорӣ намудани истифодаи анборҳои замонатии (бондии) гумрукӣ. Анборҳои замонатии гумрукӣ метавонанд барои ба соҳибкорон-фурӯшандагон додани имконияти ба таъхир гузоштани пардохтҳои боҷҳо ва андозҳои гумрукии молҳои муайян, то даме ки онҳо дар анборҳо нигоҳ дошта мешаванд, самаранок истифода карда шаванд. |
| 4. | Қабул намудани усулҳои доимии баҳогузорӣ ва дигар расмиёт дар посгоҳҳои наздисарҳадӣ дар Тоҷикистон. Таъсис додани Маҳкамаи (трибунали) маъмурӣ барои ҳалли баҳсҳои баҳогузорӣ ҷиҳати ҳалли баҳсҳо оид ба усулҳои баҳогузорӣ дар ҷараёни воридоти молҳо. |
| 5. | Беҳтар намудани шаффофият ва мубодилаи маълумот бо роҳи гузаштан ба системаи электронии эъломияҳои савдо тавассути истифодаи системаи автоматии коркарди маълумоти гумрукӣ – ASYCUDA ё дигар системаҳо. Қабул ва коркард намудани тамоми маълумот дар идораи асосии Хадамоти гумрукӣ, на дар идораҳои минтақавӣ, то ки хароҷот кам карда шавад ва такрори зерсохтори техникӣ пешгирӣ гардад. |
| 6. | Сертификатсияи категорияҳои молҳои барои ҳаёт хавф надошта ва тамоми намудҳои хизматрасонӣ ғайриҳатмӣ карда шавад. |

| | |
|---|---|
| 7. | Тахия намудани системаи муназзам барои ислоҳоти ҳамаҷонибаи системаи танзими техникӣ дар Тоҷикистон ва Тоҷикстандард. Ислоҳот бояд Тоҷикистонро бо талаботи Ташкилоти Умумиҷаҳонии Савдо мутобиқ гардонад. Он бояд ҳамчунин барои ба бозор ворид шудани дигар маҷомоти баҳогузорӣ замина фароҳам орад. |
| 8. | Ба қадри имкон, таъмин намудани мутобиқати қоидаҳои техникии ҳатмӣ, инчунин стандартҳои тавсиявӣ ба стандартҳои байналмилалие, ки одатан аз ҷониби ташкилотҳои техникии бисёрҷониба интишор карда мешаванд. |

## Пардохтҳои ғайрирасмӣ сарфи назар аз кам шудан ҳануз ҳам дар муқоса бо нишондиҳандаҳои минтақавӣ баланд боқӣ мемонанд

Бобҳои 2 ва 8 беҳбудиро дар бисёр масъалаҳои тадқиқот, ки бо пардохтҳои ғайрирасмӣ дар давраи аз соли 2002 то соли 2005 ва то соли 2007 алоқаманд мебошанд, нишон медиҳанд. Ба ибораи дигар, СХМ Тоҷикистон изҳор менамоянд, ки дар соли 2007 нисбат ба солҳои пешин аз онҳо камтар ришва ё тӯҳфа мехостанд ё интизор буданд. Гарчанде ин падидаи мусбӣ бошад ҳам, ҳанӯз хулоса баровардан дар мавриди он, ки пардохтҳои ғайрирасмӣ дигар проблема намебошанд, барвақт аст. Тавре ки маълумотҳои тадқиқот нишон медиҳанд, 21 фоизи корхонаҳои хурду миёна коррупсияро ҳамчунин монеаи асосӣ дар роҳи фаъолияти корхонаҳои онҳо номбар мекунанд (танҳо меъёрҳои андозбандӣ ҳамчунин монеаи асосӣ боз ҳам бештар номбар шудаанд).

Маълумотҳои лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ оид ба Пурсиши корхонаҳо тасдиқ мекунанд, ки коррупсия ҳанӯз ҳам яке аз монеаҳои асосӣ барои корхонаи хусусӣ дар Тоҷикистон боқӣ мемонад, ки дар ин бора сатҳи баланди пардохтҳои ғайрирасмие, ки хизматчиёни давлатӣ (Шохиси ришватхӯрӣ) дар тамоми минтақаи Европаи Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ аз соҳибкорон талаб мекунанд, гувоҳӣ медиҳанд. Шохиси ришватхӯрӣ - ин таносуби ҳолатҳоест нисбати шумораи умумии дархостҳо барои хизматрасонии коммуналӣ, литсензияҳо ё иҷозатномаҳо барои ин кишвар, ки аз фирмаҳо тӯҳфаҳо ё пардохтҳои ғайрирасмӣ интизор буданд ё талаб кардаанд.[4]

Диаграммаи 3 - Сатҳи ришватхӯрӣ дар Тоҷикистон аз ҳама баландтарин дар Европа ва Осиёи Марказӣ мебошад




Маълумотҳои *Пурсиши корхонаҳо*, дар ин ҷо ва минбаъд дар тамоми ҳисобот барои он пешниҳод шудаанд, ки ба хонандагон имкон дода шавад маълумотҳои тадқиқоти муҳити соҳибкории IFC-ро дар контексти минтақавӣ муқоиса кунанд.

[4] Шохиси ришватхӯрӣ тибқи Гонзалез, Альваро С., Эрнесто Лопес-Кордова, Ҷ. ва Е. Валадарес, Элио, Бори гарони ришватхӯрӣ ба корхонаҳои кишварҳои рӯ ба инкишоф. Силсилаи корҳои тадқиқоти оид ба таҳияи сиёсати Бонки Ҷаҳонӣ, 2007. Кишварҳои Европа ва Осиёи Марказӣ дар соли 2008 ё соли 2009 ҳама таҳти тадқиқот қарор дода шудаанд.

## Оқибатҳои эҳтимолии бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ

Тадқиқоти муҳити соҳибкории IFC дар давраи аз июл то октябри соли 2008 гузаронида шудааст, пурсишшудагон бошад дар мавриди ҳолати соли тақвимии 2007 пурсида шудаанд. Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ охири соли 2008 ба Тоҷикистон таъсир расонд ва бинобар ин оқибатҳои он дар ин ҳисобот ба инобат гирифта намешаванд. Бӯҳрон дар маҷмӯъ, эҳтимол, ба муҳити соҳибкорӣ (бизнез) барои СХМ таъсири гуногуни манфӣ расонад.

Алакай ҳоло маълум аст, ки интиқолоти пулӣ дар соли 2009 нисбат ба солҳои пешин хеле камтар хоҳанд буд ва ба манбаи муҳими маблағгузорӣ, ҳам ба хароҷоти истеъмолӣ ва ҳам ба сармоягузорӣ ба соҳибкории хурд таъсир мерасонанд. Дастрасӣ ба маблағгузорӣ, эҳтимоли зиёд вуҷуд дорад, ки барои СХМ ҳатто афзалияти бештар пайдо хоҳад карда, танҳо барои он, ки ба бонкҳои ватанӣ васеъ намудани манбаъҳои маблағгузории худ мушкил аст. Мақомоти андоз таҳти фишори рӯзафзуни таъмини даромадҳо ба буҷети давлат қарор доранд, ҳатто, сарфи назар аз он далел, ки ба худи корхонаҳо дар натиҷаи паст гардидани сатҳи талабот «рӯи об мондан» боз ҳам мушкилтар шудааст.

Агар нури умеде вуҷуд дошта бошад, ин нур аз он иборат аст, ки давркони шадиди иқтисодӣ аксаран миқдори зиёди инноватсияҳоро (навгониҳоро) дар соҳибкорӣ ба вуҷуд меоранд. Бӯҳронҳо низ ба ҳукумат барои ислоҳот равзана пешниҳод мекунанд, зеро қисмати таркибӣ аз роҳбарияти худ аксуламали қатъиро ба муҳити мураккаби берунӣ интизор мебошад. Барномаи 200 рӯзи ислоҳот, ки моҳи июли соли 2009 аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон оғоз карда шудааст, кӯшиши нигоҳ доштан ва ҳатто вусъат бахшидани суръати ислоҳоте, ки ба бахши хусусӣ дар Тоҷикистон манфиат меоранд, ба ҳисоб меравад. Татбиқи пурраи ислоҳоти муҳити сармоягузорӣ яке аз усулҳои кӯмак расонидан ба иқтисоди Тоҷикистон барои пайдо намудани роҳи раҳоӣ аз бӯҳрони ҷаҳонӣ мебошад.

## Ташкили тамоми ҳисобот

Боби «Тафсири соҳибкории хурд ва миёна» ҳолати умумии вазъи макроиқтисодӣ дар Тоҷикистонро шарҳ медиҳад, инчунин тасвири ба маълумотҳои тадқиқот асосёфтаи ҳар яке аз ин категорияҳои СХМ: соҳибкорони хусусӣ, корхонаҳои хурд ва миёна, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро дар пурсиш пешниҳод менамояд. Бобҳои аз 2 то 8 тавсифи амиқи натиҷаҳои тадқиқотро аз рӯи як қатор масъалаҳои асосӣ пешниҳод мекунанд, ва ҳар як боб аз тавзеҳоти заминаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии ин мавзӯъ оғоз мегардад. Дар Боби 9 тафсири методологии гузаронидани тадқиқот ва замима бо Методология, ки дар он иттилооти нисбатан муфассалтар пешниҳод гардидааст, оварда шудааст.

Ин тафсир ба забони тоҷикӣ танҳо мазмуни мухтасари тадқиқоти «Муҳити бизнес аз нигоҳи соҳибкории хурд ва миёна»-ро фаро мегирад.

IFC International Finance Corporation
World Bank Group

IFC (Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ), узви Гурӯҳи ташкилотҳои Бонки умумиҷаҳонӣ, ба мардум барои аз сатҳи камбизоатӣ баромадан ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии хеш имконият фароҳам меорад. Мо ба рушди устувори иқтисодӣ дар кишварҳои тараққикардаистода тавассути дастгирии сохтори хусусӣ, сафарбаркунии маблағи хусусӣ ва расонидани машварат ва хизматрасонӣ ба соҳибкорон ва ҳукуматҳо дар паст кардани сатҳи хавф  мусоидат мекунем. Соли 2009 мо ба маблағи 14.5 миллиард доллари ИМА маблағгузорӣ намудем, ки он барои равона намудани маблағ ба кишварҳои  тараққикардаистода дар марҳалаи бӯҳрони иқтисодӣ кӯмак расонид. Барои маълумоти бештар ба саҳифаи интернетии www.ifc.org ташриф оред.

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation

Federal Department of Economic Affairs FDEA
**State Secretariat for Economic Affairs SECO**

Шӯъбаи ҳамкории иқтисодӣ ва рушди давлатии котиботи Шветсария оид ба иқтисод (SECO) мақоми масъул барои банақшагирӣ ва амалисозии иқдомҳои сиёсати иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои тараққикунанда, кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин кишварҳои узви нави Иттиҳоди Аврупо мебошад. Ғайр аз ин,  Шӯъбаи ҳамкории иқтисодӣ ва рушди давлатии котиботи Шветсария оид ба иқтисод ваколатдор карда шудааст, ки муносибатҳои Шветсарияро бо гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, бо бонкҳои минтақавии рушд ва созмонҳои иқтисодии СММ танзим намояд. Шӯъбаи ҳамкории иқтисодӣ ва рушди давлатии котиботи Шветсария оид ба иқтисод қисме аз Департаменти федералӣ оид ба иқтисод мебошад.

DFID Department for International Development

ВРББ ин Вазорати Рушди Байналхалқии Британиёи Кабир аст, ки кӯмаки Британиёро ба давлатҳои камбизоат идора мекунад ва дар сафи пеши мубориза Ҳукумати Британиё алайҳи камбизоатии шадид дар ҷаҳон карор дорад. Дар соли ахир шоҳиди пешрафти бузург дар мубориза алайҳи камбизоатии ҷаҳонӣ мебошадба воситаи фаъолияти ВРББ, Ҳукумати Британиё дар раҳоии 250 миллион одам аз камбизоатӣ саҳмгузор буд. Аммо ҳоло ҳам корҳои бисёреро анҷом додан лозим аст, то ки дунё барои ҳама ҷои адолату амнияту устуворӣ бошад. ВРББ дорои 64 намояндагӣ дар кишварҳои гуногун мебошад, ва кормандони он бо ҳукуматҳои давлатҳои дар ҳоли рушд буда, созмонҳои хайрия, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ширкатҳои соҳибкорӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ аз қабили Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Иттиҳоди Аврупо ва Бонки Ҷаҳонӣ ҳамкорӣ мекунем, то ба масъалаҳои милливу байналмилалӣ расидагӣ кунем. ҳама шарикони мо орзуву ормонҳои худро ба татбиқи қадафҳои Ҳазорсолаи Рушд равона кардаанд. Дар солҳои 2007/08 мо 5.3 миллирд фунт стерлингро баҳри кумаки башардустона масраф кардем. Дар гузориши Сохтани Оиндаи Муштараки Мо, Ҳукумати Британиё ҳадаф гузоштааст, ки ин кӯмакро то соли 2013 ба 0.7% аз маҷмӯи даромади миллии Британиё расонад.

Лоиҳаи рушди соҳибкории хурду миёна дар Тоҷикистон

кӯчаи Абдулло Командир 7
Душанбе, Тоҷикистон 734 001
Тел.: (992 48) 701 14 40
Факс: (992 48) 701 14 48

www.ifc.org/tajikistan/sme

IFC International Finance Corporation World Bank Group